**ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ИҚТИБОС
# АЗ ФЕҲРИСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТИИ ИТТИҲОДИЯҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

дар бораи қайди баҳисобгирии намояндагии иттиҳодияи ҷамъиятӣ

Рақами қайд: 228 Ф/Н 22 июли соли 2020

Номи расмии намояндагӣ- намояндагии ташкилоти ҷамъиятии «Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар шаҳри Душанбе.

Маҳалли ҷойгиршавии намояндагӣ-Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияи Сино, шаҳри Душанбе, кӯчаи Маяковский, бинои 6/4.

Номи шахси ҳуқуқие, ки намояндагиро таъсис додааст: ташкилоти ҷамъиятии «Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2017, №1805 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

---

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи боҷи давлатӣ» барои қайди баҳисобгирии намояндагӣ 290 (дусаду навад) сомонӣ боҷӣ давлатӣ пардохт карда шуд.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Вазир Музаффар Ашуриён

ВАГ № 0024453

«Тасдиқ карда шудааст»
Бо қарори Раиси Т.Ҷ.
«Муҳорибаҳои гуногуншакли
Ҷумҳурии Тоҷикистон»
Ҷураев Д.
______________________
аз «5» июни 2020с

# *НИЗОМНОМАИ*
## *Намояндагии*
## *Ташкилоти ҷамъиятии*
***«Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли Ҷумҳурии Тоҷикистон»***

2020 сол

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии "Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шаҳри Душанбе, ки минбаъд «Намояндагӣ» номида мешавад, сохтори алоҳидаи Ташкилоти ҷамъиятии "Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли" Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки минбаъд «Ташкилот» номида мешавад.

Ташкилоти ҷамъиятии "Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли Ҷумҳурии Тоҷикистон", дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2017, №1805 аз қайди давлатӣ гузашта шудааст.

1.2. Номи пурраи Намояндагӣ:

- Бо забони тоҷикӣ: Намояндагии Ташкилоти ҷамъиятии "Федератсияи муҳорибаҳои гуногуншакли Ҷумҳурии Тоҷикистон" дар шаҳри Душанбе.

- Ба забони русӣ: Представительство общественной организации "Федерации смешанных боевых искусств Республики Таджикистан» в городе Душанбе.

Маҳалли ҷойгиршавии Намояндагӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Маяковский бинои 6/4, ҷойгир мебошад.

1.3. Намояндагӣ ба мӯҳлати фаъолияти номаҳдуд таъсис дода шудааст.

1.4.Намудҳои фаъолияти Намояндагӣ иборат мебошад: аз ҳимояи манфиат ва намояндагии Ташкилот, аз номи он бастани аҳдҳо ва амалиётҳои дигари ҳуқуқӣ, ки барои татбиқи фаъолияти дар Оинномаи Ташкилот пешбини шудааст.

1.5. Намояндагӣ вазифадор аст, ки фаъолияти худро танҳо дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монад ва ҳар сол то 1 апрел ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба фаъолияти идомаи худ ҳисобот пешниҳод намояд.

## 2. МАҚОМИ ҲУҚУҚИИ НАМОЯНДАГӢ

2.1. Намояндагӣ сохтори Ташкилот буда, мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ намебошад.

2.2. Намояндагӣ дар асоси Низомномаи тасдиқшуда аз номи Ташкилот амал мекунад. Роҳбари Намояндагӣ мувофиқи ваколатномае, ки Ташкилот мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин дар қаламрави кадом ҳудуд, ки фаъолият менамояд додааст, амал менамояд.

2.3. Намояндагӣ тавозуни алоҳида надорад, амвол ва воситаҳои он дар тавозуни умумии Ташкилот ба ҳисоб гирифта мешавад. Барои ташкил ва ба ҳисобгирии фаъолияти худ Намояндагӣ дар бонкҳо бо тартиби муайянкардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон суратҳисоби ҷорӣ ва арзӣ мекушояд.

2.4. Намояндаги доир ба уҳдадориҳои Ташкилот ҷавобгар намебошад, Ташкилот бошад, доир ба уҳдадориҳои Намояндагӣ ҷавобгар аст.

2.5. Намояндагӣ дорои муҳр, муҳри кунҷи ва варақаи унвони бо номи худ, аломати молӣ, нишони ва номгӯи Ташкилот мебошад.

## 3. АМВОЛИ НАМОЯНДАГӢ

3.1. Амволи Намояндагӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки Ташкилот вобаста кардааст, ҳамчунин аз ҳисоби хайрияҳои шаҳрвандон, аз он ҷумла аз ташкилотҳои байналмилалӣ, муассисаҳои давлатӣ ва дигар шахсони ҳуқуқӣ, қогазҳои қимматнок ва активҳои ғайримоддӣ, ки ба тавозуни умумии Ташкилот шомиланд, иборат мебошад. Амволе, ки дар тавозуни Намояндагӣ ба ҳисоб гирифта шудааст, моликияти Ташкилот мебошад ва Намояндагӣ бе розигии Ташкилот ин амволро бегона ё бо таври дигар ихтиёдорӣ карда наметавонад.

## 4. ФАЪОЛИЯТИ НАМОЯНДАГӢ

4. Намояндагӣ воҳиди махсуси шахси ҳуқуқӣ мебошад, ки манфиати Ташкилотро ҳифз ва намояндагӣ менамояд.

4.1.Барои ҳалли вазифаҳои худ ва вазифаҳои Ташкилот, Намояндагӣ дар доира ва мутобиқи шартҳои муайянкардаи Ташкилот фаъолияти худро ба роҳ мемонад.

4.2. Ташкилот дар раванди иҷрои вазифаҳои ба Намояндагӣ вобаста шуда ба ӯ мустақилияти фаврӣ медиҳад.

4.3. Намояндагӣ мувофиқи қарори Ташкилот ва соҳибмулк ба амвол ва маблағҳое, ки дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидории худ гирифтааст, ихтиёрдорӣ менамояд.

4.4.Дар доираи вазифаҳои фаъолияти худ Намояндагӣ ҳуқуқ дорад аз номи Ташкилот шартномаҳои хоҷагидорӣ ба имзо расонад, ба кадоме, ки Ташкилот масъул мебошад.

4.5. Намояндагӣ дар назди Ташкилот барои зарари расонида шуда дорои ҷавобгарии моддӣ мебошад.

4.6.Натиҷаи фаъолияти Намояндагӣ дар тавозун, дар ҳисобот оиди фоида ва зарар, ҳамчунин дар ҳисоботи солонаи Ташкилот инъикос карда мешавад.

4.7.Соли хоҷагидории Намояндагӣ бо соли хоҷагидории Ташкилот мувофиқ бояд бошад.

## 5. ИДОРАКУНИИ НАМОЯНДАГӢ

5.1.Идоракунии Намояндагиро Роҳбари Намояндагӣ дар амал татбиқ менамояд.

5.2. Салоҳияти Ташкилот доир ба идоракунии Намояндагӣ шомил аст:

-тасдиқ, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур;

-муайян намудани самтҳои асосии фаъолияти он, тасдиқи нақша ва ҳисобот оиди иҷрои он;

-таъин ва бозхонди Роҳбари Намояндагӣ;

-таъини комиссияи тафтишӣ ё аудитор;

-муайян намудани сохтор;

-муайян намудани андоза, шакл ва тартиби ба Намояндагӣ ҷудо кардани амвол;

-тасдиқи ҳисоботи натиҷаи фаъолияти солона, ҳисобот ва хулосаи комиссияи тафтиши ё аудитор, муайян кардани тартиби тақсимоти фоида ва тартиби рӯйпӯш кардани зарар;

-қабули қарор оиди қатъи фаъолияти Намояндагӣ, таъини комиссияи барҳамдиҳӣ, тасдиқи тавозуни барҳамдиҳӣ.

5.3.Роҳбариро ба Намояндагӣ – Роҳбар ба роҳ мемонад, ки аз ҷониби Раиси Ташкилот таъин карда мешавад ва бо ваколатномае, ки Раиси Ташкилот медиҳад, амал менамояд.

5.4.Роҳбари Намояндагӣ:

-мувофиқи ваколатнома аз номи Ташкилот дар доираи салохияти худ, ки Низомномаи мазкур ва қарорхои дигари Ташкилот муқаррар кардааст, амал менамояд;

-мутобиқи нақшаи тасдиқ намудаи Ташкилот ба фаъолияти Намояндагӣ роҳбарии фавриро таъмин менамояд;

-дар доираи хуқуқҳои ба ӯ додашуда маблағи Намояндагиро ихтиёрдорӣ мекунад, дар доираи фаъолияти Намояндагӣ аҳдҳо мебандад;

-мувофиқи салоҳияти мавҷудаи худ қарор ва супоришҳо медиҳад, ки иҷрои он барои ҳамаи кормандони Намояндагӣ ҳатмӣ мебошад;

-дар бонкҳо суратҳисоб ва ҳисобҳои дигар мекушояд;

-мувофиқи ҷадвали штати кормандони Намояндагиро ба кор қабул ва аз кор озод менамояд, нисбати онхо чораҳои ҳавасмандкуни ва мувофиқи қоидаи дохилии тартиботи меҳнатӣ ва қонунгузории меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазоҳо меандешад;

-амалиётҳои диґарро ичро менамояд, ки барои ноилшави ба мақсад ва вазифаҳои Ташкилот заруранд.

## 6. НАЗОРАТИ ФАЪОЛИЯТИ МОЛИЯВИЮ ХОҶАГИДОРӢ ВА ҲУҚУҚИИ НАМОЯНДАГӢ

6.1.Санҷиши фаъолияти молиявию хоҷагидорӣ ва ҳуқуқии Намояндагӣ аз ҷониби комиссияи тафтишотӣ ё аудитори Ташкилот, ки дар ҳолати зарурӣ аз тарафи Ташкилот таъин ва ё ҷалб карда, гузаронида мешавад.

6.2.Назорати фаъолияти молиявию хоҷагидории Намояндагӣ метавонад аз ҷониби комиссияи тафтишотӣ ё аудитор амалӣ шавад (Ташкилотҳои аудитори ҳангоми бастани шартнома бо онҳо).

6.3.Аъзоёни комиссияи тафтишотӣ Ташкилот ва аудиторон хуқуқ доранд аз шахсони мансабдори Намояндагӣ пешниҳоди ҳамаи маводҳои зарурӣ, хуҷҷатҳои муҳосибӣ, ҳуҷҷатҳои дигар ва баёноти шахси талаб намоянд.

6.4.Аъзоёни комиссияи тафтишотии Ташкилот ва аудиторон натиҷаи санҷиши хешро ба Ташкилот мефиристанд.

6.5.Комиссияи тафтишотии Ташкилот ё аудитор нисбати ҳисоботи солонаи Намояндагӣ хулоса тартиб медиҳад. Бе хулосаи комиссияи тафтишоти ё аудитор Ташкилот ҳуқуқи тасдиқи натиҷаи фаъолияти Намояндагиро надорад.

## 7. БАҲИСОБГИРӢ ВА ХИСОБОТИ НАМОЯНДАГӢ

7.1. Намояндагӣ натиҷаи фаъолияти худро ба ҳисоб мегирад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳисоботи муҳосиби ва оморӣ мебарад.

7.2.Сармуҳосиби Намояндагӣ ӯҳдадориҳо дорад ва аз ҳуқуқҳои барои сармуҳосибони Ташкилот ва Ташкилотҳо муқарраршуда истифода менамояд. Сармухосиби Намояндагӣ мустақиман ба Роҳбари Намояндагӣ ва сармуҳосиби Ташкилот тобеъ мебошад.

## 8.КОРМАНДОНИ НАМОЯНДАГӢ

8.1.Муносибатҳои кормандони Намояндагӣ, ки дар асосҳои шартномаи (қарордоди) меҳнати ва ё гражданӣ бар меоянд, мувофиқи Кодексҳои меҳнатӣ ва граждани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровардa мешавад.

## 9. БАРҲАМДИҲИИ ФАЪОЛИЯТИ НАМОЯНДАГӢ

9.1. Фаъолияти Намояндагӣ қатъ мегардад:

-бо Қарори Раиси Ташкилот;

-дар асоси Қарори суд ва суд ҳангоми ба амал омадани вазъи қобилияти ғайри пардохтии Ташкилот ва ё дар холатҳои вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Намояндагӣ.

9.2. Барҳамдиҳии Намояндагӣ аз ҷониби комиссияи барҳамдиҳие, ки Ташкилот таъин кардааст, сурат мегирад.

9.3. Аз лаҳзаи таъиноти комиссияи барҳамдиҳӣ ваколати идоракунии корҳои Намояндагӣ ба он мегузарад. Комиссияи барҳамдиҳи ба амволи Намояндагӣ нархгузорӣ менамояд, дебитор ва кредиторҳои онро муайян мекунад, ҳамчунин балански барҳамдиҳӣ тахия намуда ва онро ба Ташкилот пешниҳод менамояд.

9.4.Маблағи пулии дар Намояндагӣ боқимонда, аз ҷумла, аз ҳисоби фурӯши амволи он, ҳангоми барҳамдиҳӣ, пас аз ҳисоби бо буджет, пардохти музди меҳнати кормандони Намояндагӣ ва кредиторон мутобиқи қарори Ташкилот тақсим карда мешавад.

9.5.Ҳангоми ғайри кифоятии амволи Намояндагӣ барои ҳисоби бо кредиторон, Ташкилот вазифадор аст талаботи қонунии амволии онҳоро қонеъ намояд.

## 10. ТАРТИБИ ТАСДИҚИ ВА ВОРИДОТИ ТАҒЙИРОТУ ИЛОВАҲО БА «НИЗОМНОМА ДАР БОРАИ НАМОЯНДАГӢ»

10.1.«Низомнома дар бораи Намояндагӣ» аз тарафи Раиси Ташкилот тасдиқ карда мешавад.

10.2.Тағйироту иловаҳо ба Низомномаи мазкур бо Қарори Раиси Ташкилот ворид карда мешавад.

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
РАЁСАТИ БАҚАЙДГИРИИ ДАВЛАТИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ВА ҲИЗБҲОИ СИЁСӢ

ДАР ҲАҶМИ 5 САҲИФА

РАҚАМИ ҚАЙД № 2289/11

аз "22" 07 2020

имзои шахси масъул [signature]

ВАЗОРАТИ АДЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН